ТАБРИКОТИ

Раиси нохияи Зафаробод Исмоилзода Зуфар Муртазохон ба муносибати

Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон

**Хамдиёрони азиз!**

Дар Точикистони сохибистиклол хамасола 16-уми ноябр Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон хамчун чашни бузурги давлатдории миллӣ дар сатхи баланд, бо шахомати хосса ва ифтихору сарфарозӣ тачлил мегардад. Ин сана дар чумхурӣ ба чашни анъанавии сиёсию хукукӣ мубаддал гардида, зимни он дар сартосари кишвар чорабинихои мухими сиёсву фар
хангӣ
гузаронда мешаванд.

Мардуми шарафманди Точикистони азиз дар ин рӯзи фарахбахш арзу эхтиром  ва ихлос мандию сипосгузории хешро ба Асосгузори сулху Вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон баён менамоянд.
Зеро, Пешвои миллат на танхо дар байни сокинони Точикистон ва кишвархои Осиёи Марказӣ, хамчунин дар миёни кишвархои чахони мутамаддин, рохбарони давлатхо ва намояндагони кавму миллатхои гуногун махбубият ва эхтироми сазоворро пайдо карда,

мавкеъ ва манзалати хосро сохиб гардидаанд.

Пазируфтани ташаббусхои Пешвои точикон аз чониби Созмони Милали Муттахид бори дигар аз нуфузи чахонии Президенти Чумхурии Точикистон дарак медихад. Мо фарахманд аз он хастем, ки имрӯз хамчун миллати давлатдор дар фазои сохибистиклолӣ ва амну суботи кишвар чашнхои таърихиву миллии худро тачлил мекунем.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон тавонистанд, ки бо тадбирхои хирадмандона, матонату часорати фавкулода ва зиракии сиёсии худ кишварро аз панчаи боди фано рахо кунанд ва гурбатзадахоро ба ватан баргадонанд. Хуршеди сулху вахдат бо ибтикори ин фарзонафарзанди миллат дар осмони Точикистони азиз нурафшонӣ намуд.

Эхтиром, гиромӣ доштан ва дар сатхи баланди худшиносию худогохии миллӣ тачлил намудани ин чашн аз хизматхои мондагору човидонаи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар рохи эъмори давлати навини точикон асос мегирад.

Гиромӣ доштани ин рӯз танхо як чашн нест. Он, агар аз як тараф арчгузорӣ ба хидматхои беназири Пешвои миллат бошад, аз тарафи дигар, нишон додани вахдат ва иктидори миллӣ, иттиходи мардуми кишвар дар атрофи корхои созандаи Сарвари худ, дарки дурусти барномахои рохбари махбуби миллат аз тарафи мардум ва талоши дастачамъонаи хамаи мо барои амалӣ шудани ин барномахост.

Тачриба собит намудааст, ки дар шароити имрӯзаи минтака ва чахон накши рохбари сиёсӣ барои миллат ва кишвархо ахамияти фавкулода дорад. Эътимод ба Рохбар миллатхоро бо боварӣ ба сӯи ояндаи дурахшон ва шоиста мебарад, чавононро барои тахсилу фаъолият дилгарм мекунад ва ин гуна рухияи умумӣ суботи ичтимоиро таъмин месозад.

Вазъи сиёсии чахон имрӯз ноором аст. Дар чандин давлатхои чахон сулху субот, амну оромӣ аз байн рафта, халку миллатхо дар парешониву парокандагӣ карор доранд. Онхо паи сохтани давлати ягона ва ё эмин доштани пояи давлаташон чахд карда, ба пешвое, ё сарваре ва ё рохбаре эхтиёч доранд. Шукргузории бепоёни мо, миллати точик ва халкхои

Точикистон аст, ки Пешвои ягонаи миллӣ, Сарвари мардумӣ ва Рахбари хирадмандро бароямон такдир насиб гардонидааст!

Мо ба кору пайкор ва фаъолияти мехнатӣ, давлатӣ, чамъиятӣ ва шахсии Пешвои муззами миллатамон арч ва эхтиром гузошта, барои хифзи хаёт, ном ва макоми Президентамон хамеша талош меварзем! Мо хамеша пайравони садокатманди Пешвоямон буда, сиёсати хирадмандонаву инсондӯстонаи Рохбари давлатро дар амал татбик менамоем.

Бо хамин максад хамаи сокинони нохия барои амалӣ гардидани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон муттахид гардида, барои тахкими минбаъдаи сулху оромӣ, суботи сиёсӣ, рушди иктисодиву ичтимоӣ ва баланд бардоштани сатху сифати зиндагии хар як сокини нохияи Зафаробод кору фаъолият менамоянд. Корхои ободониву созандагиро дар нохия вусъат бахшида, бо захмати ахлонаву содиконаи худ дар ободии Ватани махбубамон ва пешрафти давлат, боз хам бехтар гардидани некуахволии сокинони нохия сахми ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Дар фарчом хамаи Шуморо бо Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон самимона табрик гуфта, ба Шумоён ва тамоми мардуми нохия саломатӣ, бахту икболи баланд ва комёбихои беназирро орзу менамоям.

Мо бо садокатмандӣ ва боварӣ иброз менамоем, ки сокинони нохияи Зафаробод аз рӯзхои аввали таъсисёбии давлати навини точикон бо Пешвои миллат **будем, хастем ва хохем монд!**

Дар Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон аз номи тамоми ахолии гуногункишру гуногунмиллати Зафаробод ба Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Кахрамони Ватан мухтарам Эмомалӣ Рахмон умри човидона орзу намуда, барояшон саломатӣ ва хушбахтихои бепоёни рӯзгорро таманно менамоем!

**Ободу сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**